ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Зарипова Шаҳноза Тоҳировна дар мавзуи «Хусусиятҳои мундаричавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ

Публитсистика ҳамчун неруи тавонову таъсиргузор дар рушду пешрафт ва инкишофи ҷомеа нақши муассир мегузорад. Мавзуъҳои публитсистика рӯзмарраву мубрам буда, аз як тараф, ҷомеаро аз пешрафту дигаргуниҳои баамаломада ва мушкилоти иҷтимоӣ огоҳ намояд, аз ҷониби дигар, баҳри тарғибу ташвиқ ва фаъолияти соҳаҳои хоҷагии халқу кишвар такони ҷиддӣ мебахшад. Дар ин самт, нақши публитсистону адибон бориз буда, маҳз фаъолияти густурдаву доманадор ва таълифи асарҳои ба мавзуъҳои рӯз бахшида онҳо ба пешрафту тараққии ҷомеа мусоидат мекунанд. Дар таърихи публитсистикаи тоҷик нафарони зиёде хомаронӣ кардаанд, ки бо таълифи асарҳои арзишманд ва баррасии воқеияти замон дар рушди публитсистикаи тоҷик саҳм гузоштаанд. Ба гунаи мисол, фаъолияти адибону публитсистони тавонои тоҷик, устодон Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Раҳим Ҷалил, Фазлиддин Муҳаммадиев, Мутеулло Начмиддинов, Шодон Ҳаниф ва амсоли инҳоро метавон номбар кард, ки дар ташаккул ва таҳаввули публитсистикаи тоҷик хидмати бузург анҷом додаанд. Доир ба фаъолияти эҷодиву адабиву публитсистии онҳо асарҳои зиёди илмиву адабӣ таълиф ва вижагиҳои тасвири воқеият дар асарҳои онҳо таҳқиқ шудааст. Дар ин миён фаъолияти эҷодии публитсист ва нависанда Ҳилолиён Аскар ҳанӯз ба таври бояду шояд таҳлилу таҳқиқ нашуда буд. Ба ин мазмун, муҳаққиқ Зарипова Шаҳноза Тоҳировна бори аввал ба таври фарогир масъалаи хусусиятҳои мундаричавию ғоявӣ ва шаклии осори рӯзноманигорӣ ва публитсистикаи бадеии Ҳилолиён Аскар ва истифодаи огоҳонаи жанрҳо ва нақши онҳоро дар инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқу таҳлил қарор додааст.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, чор бобу ҳашт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, зарурат ва ҳадафу вазифаҳои пажуҳиш, методи таҳқиқ, арзишҳои назарӣ ва амалии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгониҳо, саҳми муаллиф, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ ба таври фарогир таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Пажуҳишгар ҳангоми таҳқиқ ба асарҳои муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ такя кардааст, ки ин омил ҷанбаи илмии диссертатсияро тақвият бахшидааст

Дар боби аввал – «Ҳаёт ва эҷодиёти Ҳилолиён Аскар дар воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии замон» пажуҳишгар дар заминаи омӯзиш ва таҳлил омилҳои замонӣ ва муҳити иҷтимоиро дар ташаккули шахсият ва фаъолияти эҷодии Ҳилолиён Аскар ба таври ҳамаҷониба таҳқиқу таҳлил

намудааст. Муҳаққиқ дар заминаи омӯзиши амиқу фарогир зина ба зина фаъолияти нависандаро ба хонанда шинос ва ҳамчун рӯзноманигор эҷодиёти ӯро дар нашрияҳои даврӣ рақамзанӣ мекунад.

Боби дуюми диссертатсия «Вижагиҳои мавзуии асарҳои Ҳилолиён Аскар» унвон дошта, муҳаққиқ масъалаҳои умдаи сохторӣ ва махсусиятҳои мундариҷавии таълифоти Ҳ. Аскар, инчунин, шеваи бозтоби чеҳраҳои иҷтимоӣ ва моҳияти амалу кирдори онҳоро таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Дар боби сеюм – «Ҷойгоҳи публитсистикаи бадеӣ дар эҷодиёти нависанда» диссертант ҷустуҷӯҳои нависанда дар роҳи эҷоди публитсистикаи бадеӣ ва масъалаи шинохт дар инъикоси шахсият дар таҷрибаи эҷодии Ҳ. Аскарро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар зимн, муҳаққиқ очеркҳои «Духтар ва аҷал», «Дасти сабуки Мушарраф», «Аз Адрасмон то Алмаато» (бо ҳамқаламии А. Воситзода), «Орзу ҷомаи амал мепӯшад», «Ҷӯянда ёбанда», повести «Имзои шахсӣ» ва романи ҳуҷҷатии «Печутоби роҳҳо» (бо ҳамқаламии А. Шукӯҳӣ)-ро таҳлил ва нақши шахсиятро бо хусусиятҳои иҷтимоии худ чун неруи фаъоли таърих ва субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон додааст.

Боби чорум «Хусусиятҳои жанрии осори публитсистии Ҳилолиён Аскар» номгузорӣ шуда, дар он хусусиятҳои сохтории жанрҳои хабариву таҳлилӣ ва махсусиятҳои жанрии осори бадеии адиб баррасӣ шудааст. Муҳаққиқ дар ин боб навъҳои хабар, корбурди он дар фаъолияти рӯзноманигории Ҳ. Аскар, ҳамчунин, хусусиятҳои хоси жанрии осори бадеии публитсистии мавсуфро таҳқиқ намудааст.

Бобу фаслҳои диссертатсия пайванди устувори мантиқӣ дошта, ҳамдигарро такмил мебахшанд. Дар қисмати хулоса диссертант ба таври мушаххас дар 10 банд таҳқиқоти худро асоснок намудааст. Маводу матолиби интишорнамудаи муаллиф ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари ин дастовардҳо, дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Хуб аст, ки муҳаққиқ тамоми осори марбут ба фаъолият ва эҷодиёти Ҳилолиён Аскарро хондаву истифода кардааст. Бо вуҷуди ин, «дараҷаи таҳқиқи мавзуъ» мукаммал ва бо ҳама паҳлуҳояш таҳқиқ нагардидааст.

2. Истифодаи нодурусти калимаҳо ва оҳанги васф пайдо кардан дар навишти муҳаққиқ дар автореферат ба назар мерасад. Масалан, муҳаққиқ менависад, ки «Ҳилолиён Аскар аз зумраи рӯзноманигорон ва нависандагонест, ки сарнавишти инсонӣ ва ҳунариаш ба саҳифаҳои муҳими ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва таърихи матбуот, адабиёт, фарҳанги тоҷик ва ташаккулу таҳаввули он талмеҳ зада, худашро низ ҳамчун як инсони ҳунарманди соҳибсалиқа ба назар менамояд» (с. 10). Истифодаи ибораҳои «талмеҳ зада» ва «ҳунарманди соҳибсалиқа» нодуруст ва ғайримантиқӣ мебошад. Инчунин, истифодаи ибораи «осори

пурфайзаш» (с. 11) низ илмӣ нест. Ҳамин гуна, баъзе калимаву ибораҳои тавсифӣ дар автореферат бе мавқеъ истифода гардидааст.

3. Фасли якуми боби дуюм бештар хусусияти нақлӣ пайдо кардааст ва дар он ба таври мушаххас вижагиҳои мундаричаи осори Ҳилолиён Аскар нишон дода нашудааст.

4. Дар боби чоруми автореферат, ки ба махсусиятҳои жанрии осори публитсистии Ҳилолиён Аскар бахшида шудааст, ба назар мерасад, ки муҳаққиқ бо овардани иқтибос аз муҳаққиқони соҳа ва андешаҳо атрофи эҷодиёти адиб иктифо карда, бо мисолҳои мушаххас мулоҳизаҳояшро асоснок накардааст. Хуб мешуд, ки матолиби мавриди назарро дар ин замина бо мисолҳо таҳлил ва махсусиятҳои жанрии онҳоро мушаххас мекард.

5. Дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо муфид хоҳад буд.

Камбудиҳои зикршуда ба арзиши илмии диссертатсия таъсир намерасонанд. Диссертант вазифаҳои дарпешгузоштаашро иҷро кардааст ва автореферат мазмуни диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

Автореферати диссертатсияи Зарипова Шаҳноза Тоҳировна дар мавзуи «Хусусиятҳои мундаричавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар» бо мубрамият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии худ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Муқарриз:
Котиби масъули
нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор»,
номзади илми филология
«22» декабри соли 2022.

Охунзода Н.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Айнӣ, 126.
Тел.: +992 93 100 45 00
E-mail: Nasriokhun@mail.ru

Имзои Охунзода Насрулдинро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои
нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор»
«22» декабри соли 2022.

Забирова Д. Ш.